Лоиҳа

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД
# ВА ФАЪОЛИЯТИ РОҲДОРӢ
160.050.050.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти роҳдорӣ, рушди шабакаҳои роҳҳои автомобилгард ва беҳтар намудани истифодаи онҳоро муайян намуда, барои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, давлат ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ, инчунин танзим ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ равона гардидааст.

## БОБИ I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳум ва истилоҳоти асосии зерин истифода мешаванд:

- роҳи автомобилгард – маҷмӯи унсурҳои таркибии аз рӯи вазифа ба ҳам алоқаманд ва иншоотҳои муҳандисие, ки ҳаракати мунтазаму бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро бо суръат, сарборӣ ва андозаҳои муқарраршуда, инчунин нигоҳдорӣ ва ҳолати зарурии нақлиётиву истифодабарии иншооти роҳдориро дар қитъаҳои замин, ки барои ҷойгиркунии маҷмӯи мазкур ва дар фазои ҳавоии болои он дар ҳудуди андозаи муқаррargардида вогузор гардидааст, таъмин менамоянд;
- роҳи автомобилгарди истифодаи умум – роҳи автомобилгарде, ки ҳамлу нақли борҳо ва мусофиронро дар байни давлатҳо, маҳалҳои аҳолинишини шаҳру деҳот барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ, эҳтиёҷотӣ иҷтимоию иқтисодӣ ва мудофиавии давлатро таъмин менамояд ва барои истифодаи ҳар як шахс бо риояи қоидаҳои истифодабарии роҳҳои автомобилгард озод мебошад;
- роҳи автомобилгарди ғайри истифодаи умум - роҳи автомобилгарде, ки барои истифодабарӣ тибқи тартиби муайяннамудаи молики он, бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст;
- роҳи автомобилгарди пулакӣ - роҳи автомобилгарде, ки барои истифодабарӣ тибқи тартиби муайяннамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба таври пулакӣ ба роҳ монда шудааст;
- соҳибони роҳҳои автомобилгард — шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба онҳо ҳуқуқи соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории роҳҳои автомобилгард мансуб аст;
- фаъолияти роҳдорӣ – лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир, нигоҳдорӣ, таъминоти илмию иттилоотӣ ва дигар таъминоти роҳҳои автомобилгард, амалӣ намудани сиёсати ягонаи идоракунӣ ва назорат дар хоҷагии роҳдорӣ, инчунин тайёр кардани кадрҳо бо ин мақсадҳо;

- истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ мебошанд ва ё дар доираи қитъаҳои ҷудошудаи роҳҳои автомобилгард ва ё қитъаи ҳамшафати роҳ ба иҷрои дигар фаъолият машғул мебошанд;

- хоҷагии роҳдорӣ - маҷмӯи истеҳсолию хоҷагие, ки роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, идоравӣ ва хусусӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки фаъолияти роҳдориро амалӣ менамоянд, дар бар мегирад;

- мақомоти роҳдорӣ - мақомоти давлатӣ ё маҳаллие, ки дар доираи салоҳияти худ вазифаи идоракунӣ, назорат ва батанзимдарориро дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ амалӣ менамоянд;

- корхонаҳои хоҷагии роҳдорӣ - корхонаҳои давлатӣ, инчунин шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқие, ки корҳои роҳдориро дар асоси иҷозатнома анҷом медиҳанд;

- иншооти роҳдорӣ — иншооте, ки бевосита унсури таркибии роҳ мебошад: иншооти сунъӣ (пулҳо, гузаргоҳҳои болои ҳам, эстакадаҳо, қубурҳо, нақбҳо, долонҳо ва ғайраҳо), корхонаҳои истеҳсолӣ, биноҳои (аз ҷумла истиқоматӣ) ташкилоти роҳдорӣ, инчунин воситаҳои техникии ташкили ҳаракат ва ободонӣ дар роҳҳо;

- заминҳои роҳҳои автомобилгард — қитъаҳои замине (аз ҷумла ҳудуди ҳамшафат), ки ҷиҳати истифодабарии доимӣ ва ё дар шакли иҷора ба корхонаҳои хоҷагии роҳдорӣ ва ё ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ – соҳибони роҳҳои автомобилгард барои ҷойгиркунии роҳҳои автомобилгард, таъмини сохтмон таҷдид ва истифодабарии онҳо, инчунин барои иморату иншооте, ки барои хизматрасонии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ зарур аст, пешниҳод шудаанд;

- ҳудуди муҳофизатшавандаи ҳамшафати роҳ - ҳудуди қад-қади роҳи автомобилгарди истифодаи умум бо шароити махсуси истифодабарии замин, ки барои таҷдид, васеъкунӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард бо дарназардошти дурнамои рушди он ва ҷойгиркунии иншооти инфрасохтори роҳдорӣ зарур аст;

- қитъаи ҷудошуда - замини роҳи автомобилгард, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории соҳаи замин барои ҷойгиркунии унсурҳои таркибии дахлдор ва иншооти муҳандисии роҳи автомобилгард, инчунин биноҳо, иморатҳо, иншоот, минтақаи дарахтзори муҳофизатӣ ва ороишие, ки барои истифодабарии онҳо заруранд, ҷудо карда шудааст;

- азнавсози роҳи автомобилгард – маҷмӯи корҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо нишондиҳандаҳои роҳи автомобилгард ва қитъаҳои он тағйир дода мешавад ва он ба тағйир ёфтани дараҷа ва (ё) категорияи роҳи автомобилгард ва ё боиси тағйир ёфтани сарҳади қитъаи ҷудошудаи роҳи автомобилгард мегардад;

- таъмири роҳи автомобилгард – корҳо оид ба барқарорсозии қабати фарсудашудаи роҳ, беҳтар кардани ҳамворӣ ва баланд бардоштани сифати часпиш, мустаҳкам кардани қабати болоии роҳ ва замин, барқароркунии иншооти фарсудашудаи роҳ ва ё иваз кардани он ба иншооти нисбатан мустаҳкам ва камхарҷ, инчунин иҷрои корҳо ҷиҳати ташкили бехатарии ҳаракат, беҳдошти роҳҳо, ки дар натиҷаи он хусусияти нақлиётиву истифодабарии роҳҳои таъмиршаванда ва иншооти роҳ барқарор шуда,

шартҳои зарурии ҳаракат таъмин мегардад;

- нигоҳдории роҳи автомобилгард – маҷмӯи корҳои пешгирикунанда оид ба нигоҳубини роҳ, иншооти роҳдорӣ ва қитъаҳои ҷудошуда, унсурҳои беҳдошти роҳ, ташкили бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин бартараф кардани тағйирёбии ҷузъӣ ва нуқсонҳои қисмҳои таркибии роҳ ва иншоотҳои роҳ дар давоми сол (вобаста ба мавсим) амалӣ карда мешавад, ки дар натиҷаи он ҳолати нақлиётиву истифодабарии роҳҳо ва иншооти роҳдорӣ нигоҳ дошта мешавад, ки бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин менамояд;

- воситаҳои техникии ташкили ҳаракат дар роҳ — камераҳои назоратӣ ва дигар воситаҳои худкори системаи идоракунӣ, чароғакҳои роҳнамо, аломатҳо ва ишораҳои роҳҳо, нишонаҳои роҳ, самтравонакунандаҳо ва панҷараҳое, ки дар роҳҳои автомобилгард барои танзими ҳаракат дар роҳҳо гузошта шудаанд;

- беҳдошти меъморӣ - иншооти меъморӣ ва ниҳолҳои ороишӣ, ки барои таъмин намудани симои эстетикии роҳҳои автомобилгард пешбинӣ шудаанд;

- кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрӣ - роҳҳои автомобилгард, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон, гузаронидани шабакаҳои муҳандиси рӯизаминӣ ва зеризаминӣ дар ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин пешбинӣ шудааст;

- қабати бистари роҳ – тарҳи заминии роҳи автомобилгард;

- фарши роҳ - тарҳи бисьёрқабатае, ки сарбории автомобилро қабул намуда, онро ба қабати заминии роҳ медиҳад;

- рӯйпӯши роҳ – қабатҳои болоии мустаҳкамкардашудаи роҳ, ки сарбориро аз воситаҳои нақлиёт қабул мекунанд;

- унсурҳои беҳдошти санитарӣ - ҳоҷатхонаҳо, ахлотқуттӣ, зарфҳо барои партовҳо ва дигар таҷҳизот, ки барои эҳтиёҷоти санитарӣ пешбинӣ шудааст, ки ҷойгиркунии онҳо бе гирифтани иҷозат амалӣ карда мешаванд;

- беҳдошти муҳандисӣ - иншоот ва воситаҳои махсус, ки барои таъмини шароити бехатар ва мусоиди ҳаракат пешбинӣ шудаанд (чароғҳо, шабакаи технологӣ, монеаҳои сунъӣ, ченкунии нишондиҳандаҳои тарозу ва андозаи воситаҳои нақлиёт, ба таври маҷбурӣ паст кардани суръати ҳаракат ва ғайра);

- таваққуфгоҳ – қитъаи муҷаҳҳазонидашудаи шафати роҳи автомобилгарди истифодаи умум ва кӯчаю роҳҳои шаҳрӣ, ки барои таваққуфи бонизоми воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ҷудо карда шудааст;

- иншооти хизматрасонии роҳ - ҷойҳои махсустаҷҳизонидашуда барои таваққуфи воситаҳои нақлиёти хатсайрҳо, майдончаҳо барои таваққуфи воситаҳои нақлиёт, майдончаҳо барои истироҳат, майдончаҳои тамошокунӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ, мотелҳо, меҳмонхонаҳо, кемпингҳо, нуқтаҳои савдо (аз ҷумла шаклҳои хурди меъморӣ), маҷмааҳои фурӯши сӯзишворӣ, маҷмааҳои анборҳо, нуқтаҳои кӯмаки тиббӣ ва техникию эвакуатсионӣ, нуқтаҳои шустушӯи воситаҳои нақлиёт, ҷойҳои хӯрокхӯрӣ ва обнӯшӣ, автопавилионҳо, инчунин дигар объектҳое, ки дар онҳо ба иштирокчиёни ҳаракати роҳ хизматрасонӣ карда мешавад ва дар заминҳои хоҷагии роҳдорӣ ҷойгир карда мешаванд ва ё истифодаи онҳо ҳангоми даромадан ва баромадан аз роҳи автомобилгард талаб карда мешавад;

- қисми нақлиётгузар - қисми роҳи автомобилгард, ки бевосита барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ гардидааст;

- хатти тасмаи ҳаракат - қитъаи тасмаи ҳаракати нишонгузорикардашуда ё бе нишонгузории дорои пахной, ки аз рӯи меъёрҳо барои дар як қатор ҳаракат намудани воситаҳои наклиёт муайян гардидааст;

- иншооти обпартои роҳ – иншооте, ки барои партофтани обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ аз қисми хокрӯбаи замин ва хатти ҳаракат (ҷӯйҳои паҳлуи роҳ, ҷӯйҳои обпарто, ҷӯйҳои кӯҳсорон, қубурҳои обпарто, қубур ва корезҳои кушода ва пӯшидаи заҳбури барои оби борони сел ва ғайраҳо) пешбинӣ шудааст;

- иншооти сунъӣ - иншооти муҳандисие, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардҳо тавассути монеаҳои табиӣ ва дигар монеаҳо, инчунин барои фаъолияти устувори роҳи автомобилгард (пулҳо, гузаргоҳҳои болои роҳҳо, эстакадаҳо, виадукҳо, нақбҳо, гузаргоҳҳои пиёдагарди рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, кӯпруки бепоя муваққатӣ, деворҳои муҳофизавӣ, долонҳои зиддитармавӣ ва иншоотҳои зиддиселии муҳофизатӣ) пешбинӣ шудаанд;

- равшандиҳии беруна – қисмати роҳи автомобилгарди дар маҳалҳои аҳолинишин ва иншоотҳои сохтаи роҳҳои автомобилгард (пулҳо, нақбҳо, эстакадаҳо), гардишҳо ва буришҳои роҳҳои автомобилгард, буришҳои роҳҳои автомобилгард бо роҳҳои оҳан ва дигар ҷойҳо, ки бо ҷузъиёти равшандиҳанда муҷаҳҳаз гардонида шудаанд;

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Моддаи 3. Принсипҳои танзими давлатӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ

Танзими давлатӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- таъмини ҳамлу нақли озоди борҳо ва мусофирон дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- банақшагирии давлатии рушди роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

- таъмини боэътимодӣ ва бехатарии роҳҳои автомобилгард (аз ҷумла бехатарии экологӣ) ва ташаккули шабакаи роҳҳои автомобилгард дар асоси меъёрҳо ва стандартҳои ягонаи техникӣ;

- таъмини афзалияти таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти роҳдорӣ;

- таъмини назорати давлатии фаъолияти роҳдорӣ оид ба риояи меъёру қоидаҳои муқарраршуда;

- таъмини баробарҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ;

- рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити мавҷуд будани шаклҳои гуногуни моликият ба роҳҳои автомобилгард;

- афзалияти баҳисобгирии манфиатҳои истифодабарандагони роҳҳои

автомобилгард ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ;

- дастрасии иттилоот оид ба роҳҳои автомобилгард ва шароити ҳаракат дар роҳ;

- тавсеаи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ ва мусоидат барои ҳамгироии роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи байналмилалии алоқаи роҳҳо.

Моддаи 4. Таснифи роҳҳои автомобилгард

1. Вобаста ба нақши роҳҳои автомобилгард дар шабакаи роҳҳо, таъиноти фаъолият ва андозаи нишондиҳандаҳои геометрии онҳо, инчунин шароити ҳаракат дар роҳ, роҳҳои автомобилгард дорои таснифи техникӣ мебошанд, ки хусусияти истифодабарии онҳоро инъикос мекунанд.

2. Аз рӯи шакли моликият роҳҳои автомобилгард ба давлатӣ (истифодаи умум), маъмурӣ ва хусусӣ ҷудо мешаванд.

3. Таснифи техникии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум аз тарафи мақомоти роҳдорӣ муқаррар карда мешавад. Таснифи техникии роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ ва хусусӣ бояд ба таснифи техникӣ барои роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум мутобиқ бошад.

Аз нав дида баромадани таснифи роҳҳои автомобилгард аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Моддаи 5. Намудҳои роҳҳои автомобилгард

1. Роҳҳои автомобилгард вобаста ба таъинот ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум (дорои аҳамияти байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ);

- кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ;

- роҳҳои автомобилгарди истифодаи махсус (аҳамияти маъмурӣ: - фаръӣ, технологӣ, дохилихоҷагӣ, хизматӣ ва ғайра).

2. Роҳҳои автомобилгард аз рӯи тобеият ба субъектҳои ҳуқуқи моликият ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- роҳҳои автомобилгарде, ки ба моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд;

- роҳҳои автомобилгарде, ки ба моликияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати мансубанд (роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ, кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ);

- роҳҳои автомобилгарде, ки ба моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мансубанд (роҳҳои автомобилгарди хусусӣ).

Моддаи 6. Роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ

1. Ба роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ки барои таъмини робитаҳои байналмилалии автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои дигар пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд.

2. Роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалидошта тибқи Феҳристи

роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ муайян карда мешаванд. Тартиби пешбурди Феҳрист аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 7. Роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ

1. Ба роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ки маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҳам мепайванданд, дохил мешаванд.

2. Роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявидошта тибқи Феҳристи роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ муайян карда мешаванд. Тартиби пешбурди Феҳристи аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 8. Роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ

1. Ба роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ роҳҳои дар маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо ва деҳот, кӯчаҳо, гузаргоҳҳо, хатҳои ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ ва роҳҳои аҳамияти маҳаллидошта, ки алоқаи нақлиётиро дар ҳудуди чунин мавзеъҳо таъмин менамоянд, дохил мешаванд.

2. Шабакаи роҳҳои автомобилгарди маҳалли қисми таркибии инфрасохтори маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо ва деҳот мебошанд ва дар асоси нақшаҳои кулли рушди онҳо ташаккул меёбанд.

3. Феҳристи роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти маҳаллӣ, ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба онҳо аз ҷониби мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ дар мувофиқа бо мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳокимият дар маҳалҳо тасдиқ мегардад.

Моддаи 9. Кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ

1. Ба кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ роҳҳои автомобилгарде дохил мешаванд, ки ҳаракати воситаҳои нақлиётро дар ҳудуди маъмурии шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин таъмин менамоянд ва дар шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир шудаанд.

2. Шабакаи кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ қисми таркибии инфрасохтори дохилии маҳалҳои аҳолинишини шаҳрҳо ва деҳот мебошанд ва дар асоси нақшаҳои кули рушди онҳо ташаккул меёбад.

3. Феҳристи кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ ва ворид кардани тағйиру иловаҳо ба он аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ амалӣ мегардад.

Моддаи 10. Роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ ва хусусӣ

1. Ба роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ роҳҳои автомобилгарде дохил мешаванд, ки ба идоракунии оперативӣ ва ё хоҷагидорӣ мансуб буда, дар тавозуни муассиса ё корхона қарор доранд ва барои ҳалли вазифаҳои махсуси давлатӣ, таъмини интиқоли дохилихоҷагӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ истифода мешаванд.

2. Ба роҳҳои автомобилгарди хусусӣ роҳҳои автомобилгарде дохил мешаванд, ки моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

3. Роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ ва хусусӣ бо қарори соҳибони онҳо

метавонанд барои истифодаи умум баъди гирифтани хулосаи мусбии мақоми роҳдорӣ ва мақоме, ки назоратро оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ амалӣ менамояд, кушода шаванд. Тартиби дастрасӣ ба роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ ва хуссусиро соҳибони ин роҳҳо муқаррар менамоянд.

Моддаи 11. Ном ва нишонагузории роҳҳои автомобилгард

1. Ҳамаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ном ва нишона (аломати шартӣ) дошта бошанд.

2. Номгузории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум номҳои маҳалҳои аҳолинишинро дар аввал ва охири он ва ҳангоми зарурат номҳои маҳалҳои аҳолинишини мобайниро низ дарбар мегирад. Номгузории нуқтаи ниҳоии роҳи автомобилгард метавонад аз номи иншооти ҷуғрофӣ ва дигар иншоот, инчунин бо назардошти воқеаҳои таърихӣ ва анъанаҳои миллӣ амалӣ гардад.

3. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум бояд нишона (аломати шартӣ) дошта бошад, ки он аз ҳарфи калони ишораҳои роҳ ва рақами тартибӣ иборат мебошад.

4. Ном ва нишонаи (аломати шартии) роҳҳои автомобилгард бояд дар харитаҳо ва атласҳои роҳҳои автомобилгард, инчунин дар худи роҳи автомобилгард тавассути гузоштани аломатҳо ва нишонаҳои махсус инъикос ёбад.

5. Ном ва нишонаи (аломати шартии) роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси пешниҳоди мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ тасдиқ карда мешаванд.

6. Номи роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти маҳаллӣ аз тарафи мақомоти маҳаллии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ муқаррар карда мешавад.

7. Нишонаи (аломати шартии) роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти маҳаллӣ аз тарафи мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ гузошта мешаванд.

8. Ном ва нишонаи (аломатҳои шартии) роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ, ки аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаранд, тибқи созишномаҳои байналмилалӣ гузошта мешаванд.

9. Ном ва нишонаи (аломати шартии) роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ ва хусусӣ аз тарафи соҳибони онҳо дар мувофиқа бо мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ гузошта мешавад.

Моддаи 12. Ҳисоби масофа дар роҳҳои автомобилгард

Масофа дар роҳҳои автомобилгард дар байни нуқтаҳои шартии аввал ва охир ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки иборатанд аз:

- бинои почта, биноҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, иншоот ва ё аломатҳои махсус, ки дар маркази маҳалли аҳолинишин барои роҳҳои пайвасткунандаи нуқтаҳои аҳолинишин гузошта шудаанд;

- хатти бурриши роҳҳои пайваст барои роҳҳое, ки дигар роҳҳои

автомобилгарди истифодаи умум ва ё роҳҳои автомобилгарди ҳамшафати онҳоро пайваст менамоянд;

- сарҳади объектҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ ва дигар объектҳо - барои роҳҳое, ки ин объектҳоро ба ҳам мепайванданд.

Моддаи 13. Феҳристи давлатии роҳҳои автомобилгард

1. Феҳристи давлатии роҳҳои автомобилгард маҷмӯи маълумот оид ба тамоми роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистонро, новобаста аз категория, хусусияти истифодабарӣ ва мансубияти ҳуқуқии моликиятиро дарбар мегирад. Пешбурди феҳрист ба зиммаи мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ вогузор карда мешавад.

2. Ҳангоми баҳисобгирии давлатии роҳҳои автомобилгард арзёбии дарозии он, шиддатнокии ҳаракат, ҳолат ва дигар нишондиҳандаҳое, ки барои муайян кардани дурнамои рушд, амалӣ намудани тадбирҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи роҳҳои автомобилгард истифода мешавад, амалӣ карда мешаванд.

3. Феҳристи роҳҳои автомобилгард бо нишон додани ном, аломати шартӣ ва масофа, арзиши тавозунӣ ва фарсудашавии он ҳар як роҳи автомобилгард тартиб дода мешавад.

4. Феҳристи давлатӣ дар асоси шиносномаҳои техникии роҳҳои автомобилгард ва махзани иттилоот оид ба ҳолати онҳо бо назардошти маълумот оид ба мавҷудият ва намуди рӯйпӯши роҳ, ҷойгиршавии аломату нишонаҳои роҳ, масоҳати замини ишғолкардаи роҳи автомобилгард ва маълумоти дигаре, ки барои банақшагирӣ, рушд ва истифодабарии роҳҳои автомобилгард заруранд, тартиб дода мешавад.

5. Тартиби пешбурди феҳрист аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Ҳангоми ба истифода супоридани сохтмон, азнавсозӣ, барқарорсозӣ ва таъмири асосию ҷории роҳҳои автомобилгард навобаста аз дараҷаи роҳ, хусусияти истифодабарӣ ва мансубияти ҳуқуқии моликият бо ҳатман тартиб додани шиносномаи техникии роҳҳои автомобилгард ва махзани иттилоот ва маълумоти дигаре, ки барои банақшагирӣ, рушд ва баистифодабарии роҳҳои автомобилгард заруранд ба феристи давлатӣ ворид карда шуда ба Фармоишгар ё истифодабаранда бо ттартиби муқаррар супорида шавад.

## БОБИ II. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ РОҲДОРӢ

Моддаи 14. Низоми мақомоти идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ

1. Идоракунии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва фаъолияти роҳдорӣ аз тарафи мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст амалӣ мегардад.

2. Идоракунии роҳҳои автомобилгарди истифодаи махсус аз тарафи вазоратҳо ва идораҳои дахлдоре, ки ин роҳҳо дар ихтиёрашон мебошанд, амалӣ мегардад.

3. Идоракунии роҳҳои маҳаллӣ ва кӯчаҳои шаҳрӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии дахлдор, амалӣ мегардад.

Моддаи 15. Ваколатҳои мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ

Мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- идоракунии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;
- муқаррар кардани қоидаҳо, стандартҳо, меъёрҳои техникӣ ва муқаррароти дигар оид ба масъалаҳои лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;
- банақшагирии рушд ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар асоси барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иҷрои вазифаҳои фармоишгари давлатӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳо дар соҳаи роҳсозӣ, инчунин лоиҳаҳои таҷдид, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;
- муайян кардани самтҳои мушаххаси истифодаи захираҳои молиявӣ ва идоракунии оперативии ин воситаҳо;
- муқаррар кардани таснифоти техникӣ ва пешбурди феҳристи роҳҳои автомобилгард;
- ташкили ҳисоботи ягонаи оморӣ дар бораи ҳолати роҳҳои автомобилгард;
- таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои фаъолияти роҳдорӣ;
- ҷалби манбаъҳои молиявии ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла сармоягузориҳои хориҷӣ барои эҳтиёҷоти сохтмони роҳ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;
- гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ;
- ҳамоҳангсозӣ ва амалӣ намудани фаъолияти муштарак бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо ва минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо рушд ва истифодаи роҳҳои автомобилгард вобастаанд;
- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифодаи роҳҳои автомобилгард ва амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ, аз ҷумла нисбати роҳҳои автомобилгарди пулакӣ;
- муқаррар намудани талаботи умумӣ барои ташкили назорати таъмини нигоҳдории роҳҳои автомобилгард;
- назорати таъмини нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва кӯчаҳои шаҳр;
- таҳияи самтҳои асосии сиёсати сармоягузорӣ дар соҳаи рушди роҳҳои автомобилгард ва амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ;
- пешниҳод оид ба шакли пулакӣ гузаронидани роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, қитъаҳои ишорашудаи роҳҳои автомобилгард ва оид ба қатъи чунин шакли истифода;
- муайян ва мувофиқа намудани усулҳои ҳисобкунӣ ва андозаи ҳадди ниҳоии маблағи пардохт барои гузаштани воситаҳои нақлиёт аз роҳҳои пулакии автомобилгарди истифодаи умум, қитъаҳои пулакии ишорашудаи роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳои шаҳрҳо ва таваққуфгоҳҳои нақлиётӣ;

- тасдиқи номгӯи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ғайриистифодаи умум ва кӯчаҳои шаҳрҳо;

- муқаррар намудани тартиби маҳдудиятҳои муваққатӣ ва ё қатъи ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои автомобилгард;

- муқаррар намудани арзиш ва феҳристи хизматрасониҳо оид ба пайваст гардидани иншооти хизматрасонии роҳ бо роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

- истифодаи роҳҳои автомобилгард ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба мудофиаи граждани, омодасозии сафарбаркунӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода дар роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши ҳифзи аҳолӣ ва қаламрав аз ҳолатҳои фавқулода;

- таъминоти иттилоотии истифодабарандагони роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум;

- пешниҳоди меъёрҳои хароҷоти молиявии сохтмон, таҷдид, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва қоидаҳои ҳисобкунии ҳаҷми маблағгузори аз буҷети ҷумҳурияви барои ин мақсадҳо;

- муқаррар намудани таснифи корҳои сохтмон, таҷдид, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, инчунин таъмини назорат аз рӯи иҷрои корҳои роҳсозӣ-сохтмонӣ ва дар якҷояги бо дигар мақомоти дахлдори назорати давлатӣ;

- иҷрои ваколатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст.

Моддаи 16. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба идоракунии фаъолияти роҳдорӣ

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои идоракунии фаъолияти роҳдорӣ дохил мешаванд:

- таъмини мутобиқати сиёсати давлатӣ ва маҳаллӣ дар соҳаи фаъолияти роҳдорӣ;

- таъмини фаъолияти мутақобилаи мақомоти роҳдории ҳамаи сатҳҳо;

- ҳифзи роҳҳои автомобилгард дар ҳамкори бо мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ, маҳдуд ва қатъ кардани ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард;

- иштирок дар таҳия ва иҷрои барномаҳои рушд ва такмили шабакаи роҳҳои автомобилгард, истифодаи умум, кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрӣ.

- ташкил ва истифодабарии пӯлакии таваққуфгоҳҳо дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ;

- муайян намудани шакли ҳисоб ва андозаи тарофа барои истифодабарии таваққуфгоҳҳои пӯлакӣ, ки дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ ҷойгир карда шудаанд.

Моддаи 17. Масъулияти мақомоти худидории маҳаллӣ оид ба фаъолият ва рушди кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо ва нуқтаҳои аҳолинишин

Мақомоти маҳалии худидоракунӣ, ки фаъолият ва рушди кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо ва дигар нуқтаҳои аҳолинишинро идора мекунанд, барои корҳои зерин масъулият доранд:

- ҳолати кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин мутобиқи меъёрҳои амалкунанда, аз ҷумла бехатарии ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон;
- сифати корҳо оид ба лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир ва нигоҳдории кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин;
- ҷойгир намудани воситаҳои техникии ташкили ҳаракат дар роҳ, иншооти хизматрасонии роҳ ва воситаҳо барои таблиғот;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонун пардохти ҷуброни зарари истифодабарандагони кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, ки бар асари ғайриқаноатбахш будани шароити роҳҳо ба вуҷуд омадаанд.

## Моддаи 18. Батанзимдарории фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи роҳдорӣ ва роҳҳои автомобилгард.

1. Фаъолияти роҳдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома амалӣ мегардад.
2. Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатнома барои фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият дода мешавад.
3. Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор гузаронида мешавад.

## Моддаи 19. Аттестатсияи кормандони соҳаи роҳдорӣ ва роҳҳои автомобилгард.

Мутахассисоне, ки фаъолияти роҳдориро амалӣ менамоянд ва аз натиҷаи меҳнати онҳо эътимоднокию бехатарии роҳҳои автомобилгард вобаста аст, бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аттестатсия гузаранд.

# БОБИ III. АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ РОҲДОРӢ ВА НИГОҲДОРИИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

## Моддаи 20. Маҷмӯи амволи роҳҳои автомобилгард

1. Ба маҷмӯи амволи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ки ба моликияти давлатӣ тааллуқ дорад, роҳҳои автомобилгард, аз он ҷумла биноҳо, иншоот ва таҷҳизоте, ки барои нигоҳдории онҳо заруранд, инчунин замини роҳҳои автомобилгард дохил мешаванд.

2. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум роҳҳои асосии нақлиётӣ дар ҷумҳурӣ буда, моликияти давлат маҳсуб меёбанд ва хусусӣ гардонида намешаванд.

3. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва ё қитъаҳои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи консессияҳо ва шарики давлат ва бахши хусусӣ метавонанд ба консессия дода шаванд.

4. Ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳо ба роҳҳои автомобилгард дар асоси шакли моликияти шахсони ҳуқуқӣ, ки ин роҳҳо дар ихтиёри онҳо қарор доранд, муайян карда мешавад.

5. Роҳҳои автомобилгарди хусусӣ моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

6. Кӯча ва роҳҳои шаҳрӣ ва маҳалҳои аҳолинишин дар ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии дахлдор қарор доранд ва моликияти коммуналӣ мебошанд.

7. Хусусигардонии роҳҳои автомобилгарди дохилихоҷагӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

8. Роҳҳои автомобилгарде, ки моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, метавонанд ҳамчун роҳҳои дорои аҳамияти мудофиавӣ эътироф шаванд, ки бояд ғайридавлатӣ ва хусусӣ гардонида нашаванд.

9. Маҷмӯи амволии кӯчаҳо ва роҳҳои шаҳрҳо маҳалҳои аҳолинишин аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор бо дарназардошти хусусиятҳои шабакаи кӯча ва роҳҳои шаҳр ва деҳот муқаррар карда мешавад.

10. Маҷмӯи амволии роҳҳои автомобилгарди хусусӣ ва маъмурӣ аз тарафи моликони онҳо бо дарназардошти вазифаҳои истифодаи онҳо ва талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки бехатарии ҳаракат дар роҳро танзим менамоянд, муайян карда мешавад.

Моддаи 21. Идоракунии маҷмӯи амволии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум

1. Идоракунии маҷмӯи амволии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум мутобиқи ҳуқуқи идоракунии бевосита ба муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард ва бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагии корхонаи давлатӣ оид ба нигоҳдории роҳҳои автомобилгард супорида мешавад.

2. Муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард аз тарафи мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ таъсис дода мешаванд. Роҳбарони ин муассисаҳо аз тарафи мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор дар асоси озмун таъин карда мешаванд.

3. Додани моликияти ғайриманқули роҳҳои автомобилгарди давлатӣ ба идоракунии оперативии муассисаҳои махсус, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ё ба ихтиёри хоҷагии муассисаҳои давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, инчунин интихоби роҳҳои автомобилгард ва ё қитъаҳои онҳо, ки ба идораи оперативии муассисаҳои махсус вобастаанд, бо қарори мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ амалӣ мегардад.

Моддаи 22. Ҳамкории корхонаҳои хоҷагии роҳдорӣ ва мақомоти роҳдорӣ

1. Хоҷагии роҳдорӣ сохтмон ва истифодабарии роҳҳои автомобилгардро таъмин менамояд ва дар асоси принсипҳои ягонаи фаъолияти роҳдорӣ, шаклҳои гуногуни моликият ва рақобат фаъолият менамояд.

2. Иҷрои корҳои лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, нигоҳдорӣ, ташхис ва

санҷиши роҳҳои автомобилгард дар асоси шартномаҳои пудратчӣ, ки байни мақомоти роҳдорӣ ва иҷрокунандагони кор - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси озмун баста шудаанд, амалӣ мегардад.

3. Иҷрои корҳои сохтмонӣ, таҷдид ва таъмири роҳҳои автомобилгард дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳакашӣ ва музоядавӣ, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи мақомоти идоракунии давлатии фаъолияти роҳдорӣ коркардгардида ва тасдиқ карда шудааст, сурат мегирад.

4. Ҳангоми иҷрои корҳои роҳдорӣ корхона ва ташкилотҳо бояд талаботи меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон, ҳамчунин Қонуни мазкур, ки бехатарии ҳаракатро дар роҳҳои автомобилгард амалӣ месозанд, таъмин намоянд.

5. Назорати сифати иҷрои корҳои роҳдорӣ ва ҳамроҳии муҳандисӣ аз ҷониби мақомоти роҳдорӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои ин кор мутобиқи муқаррарот ҳуқуқ доранд, ба анҷом расонида мешавад.

Моддаи 23. Маблағгузории роҳҳои автомобилгард

1. Манбаи асосии маблағгузории роҳҳои автомобилгарди дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро маблағҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд, инчунин кредитҳо, грантҳо, қарзҳо, сармоягузориҳои дохилӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

2. Манбаъҳои маблағгузории роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ ва кӯчаҳои шаҳрӣ буҷетҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин кредитҳо, грантҳо, қарзҳо, сармоягузориҳои шахсӣ ва манбаъҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мебошанд.

3. Манбаи маблағгузории роҳҳои автомобилгарди маъмурӣ маблағи идораҳое мебошад, ки ин роҳҳо дар тавозуни онҳо қарор доранд.

4. Манбаи маблағгузории роҳҳои автомобилгарди хусусӣ маблағи соҳибони онҳо мебошад.

5. Маблағгузории роҳҳои автомобилгард бояд дар ҳаҷме амалӣ гардад, ки бехатарии ҳаракат дар роҳ ва нигоҳдории роҳро таъмин намояд.

6. Меъёри солонаи маблағгузорӣ барои як километр таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард вобаста ба категория ва макони ҷойгиршавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад.

Моддаи 24. Рақобат дар фаъолияти роҳдорӣ

1. Мақомоти давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ барои рушди рақобат ва бозори корҳои роҳдорӣ мусоидат менамоянд.

2. Муносибат бо ташкилотҳое, ки корҳои роҳдориро иҷро менамоянд, дар асоси шартнома ба роҳ монда мешавад.

3. Супоридани пудратҳо барои корҳои сохтмон, таҷдид ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард дар асоси озмун сурат мегирад. Дар фаъолияти пудратӣ як шахс наметавонад вазифаҳои фармоишгар ва иҷрокунандаро иҷро намояд.

Моддаи 25. Лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгард

1. Лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум

бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

2. Лоиҳакашӣ ва сохтмони роҳҳои автомобилгарди ғайриистифодаи умум аз ҷониби моликони роҳҳои автомобилгард дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори роҳдорӣ ва дар асоси нақшаҳои генералии тасдиқшудаи шаҳру ноҳияҳо анҷом дода мешавад.

3. Лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, барқарорсозӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан, иншооти сунъӣ, инчунин ободонӣ ва сохтмони иншооти тиҷоратӣ, саноатӣ, нуқтаҳои фурӯши моводи сӯзишворӣ ва дигар иншооти хизматрасонӣ дар ҳудуди роҳ, ҷиҳати муайян кардани мутобиқати онҳо ба талаботи қоидаҳо, меъёрҳо ва стандартҳои бехатарии роҳҳо бояд аз ташхис гузаронида шаванд.

4. Шартҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони кӯпрукҳо, гузаргоҳҳо ва дигар коммуникатсияи нақлиётӣ, ки аз болои иншооти обӣ мегузаранд, бояд тибқи Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда шаванд.

5. Роҳҳои автомобилгарди навсохташуда, барқароршуда ва таҷдидшуда ба феҳрист дохил карда мешаванд ва бояд ҳамчун объектҳои ғайриманқул дар асоси тартиби барасмиятдарории муқарраршудаи санадҳои қабули ин объектҳо барои истифодабарӣ ба қайд гирифта шаванд.

Моддаи 26. Қоидаҳои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард

1. Нигоҳдории роҳҳои автомобилгард барои таъмини мунтазам ва бехатари иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ сурат мегирад.

2. Қоидаҳои нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

3. Соҳибони роҳҳои автомобилгарди хусусӣ ва истифодаи махсус роҳҳоро дар ҳолате нигоҳ медоранд, ки риояи талаботи стандартҳои бехатарии ҳаракатро дар роҳ таъмин намоянд.

Моддаи 27. Талабот оид ба ҷойгиркунӣ ва нигоҳдории воситаҳои техникии ташкили ҳаракат дар роҳ

1. Таҷҳизоти чароғаки роҳнамо, низоми худкори идоракунӣ ва назоратӣ, аломатҳои роҳ ва ишораҳо, нишонаҳои роҳ, таҷҳизоти маҳдудкунанда ва ҳимояткунанда ва воситаҳои дигари танзими ҳаракат дар роҳ ҳангоми ҷойгиркунӣ бояд ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва меъёрҳои техникӣ бо дарназардошти намоёни беҳтар ва мувофиқии истифодабарӣ ва хизматрасонӣ, инчунин пешгирии имкониятҳои вайроншавии тасодуфӣ мувофиқат намоянд.

2. Воситаҳои техникии ташкили ҳаракат дар роҳ барои ба иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо расонидани иттилооти зарурӣ оид ба шароити ҳаракат дар роҳҳо муқаррар карда шудаанд.

3. Роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан, ки ҳаракат дар онҳо зиёд аст, бо воситаҳои огоҳкунанда ва алоқаи садамавӣ ҷиҳати даъват намудани ёрии тиббии таъҷилӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ташкилоти нигоҳдории роҳҳо муҷаҳҳаз гардонида мешаванд.

Моддаи 28. Тартиби ҷойгиркунии иншооти коммуникатсионӣ дар роҳҳои

автомобилгард

1. Гузаронидани ҳар гуна хатти коммуникатсионӣ аз қитъаи ҷудошудаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум манъ аст.

2. Дар роҳҳои азнавсохташавандаи автомобилӣ барои гузаронидани коммуникатсия бояд шартҳои махсуси техникӣ пешбинӣ гардида бошанд.

3. Иншоотҳои коммуникатсионие, ки пештар аз қитъаи ҷудошуда қад-қади роҳи автомобилгард гузаронида шудаанд, бояд аз ҳисоби маблағи соҳибони хатти коммуникатсионӣ аз ҳудуди роҳ бароварда шаванд.

4. Гузаронидани ҳар гуна хатти коммуникатсионӣ дар хатти шафати роҳ дар мувофиқа бо мақомоти роҳдорӣ ва шароити техникии додашуда сурат мегирад.

5. Фармоишгароне, ки иншооти муҳандисии коммуникатсиониро аз роҳҳои автомобилгард мегузаронанд, уҳдадоранд зараре, ки дар натиҷаи ба ҷо овардани ин корҳо ба роҳ расонида шудааст, пурра ҷуброн намоянд.

6. Ҳангоми гузаронидани ҳама гуна хатҳои коммуникатсионӣ дар қитъаи замини роҳҳои автомобилгард, мақоми дахлдори роҳдорӣ ҳуқуқ дорад рафти иҷрои ин корҳоро назорат намояд ва дар маросими ба истифода додан ва қабул кардани хатти коммуникатсионӣ иштирок намояд.

Моддаи 29. Гузаронидани коммуникатсия дар иншооти роҳҳои автомобилгард

1. Дар нақбҳои автомобилгард, аз кӯпрук гузаргоҳҳо ва дигар иншооти сунъии роҳҳои автомобилгард гузаронидани коммуникатсияи муҳандиси манъ аст.

2. Дар ҳолатҳои истисно бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон коммуникатсия дар асоси иҷозатнома ва шартҳои техникие, ки аз тарафи мақомоти дахлдори роҳдорӣ дода мешаванд, гузаронида мешавад.

3. Дар чунин ҳолатҳо тамоми хароҷоти гузаронидани коммуникатсияҳо, воситаҳои зарурии ободонӣ ва сохтмонӣ ба ин мақсад, ба таври иловагӣ мустаҳкам кардани конструксияҳо ва хароҷоти иловагиро барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгард соҳибони иншооти коммуникатсионӣ ба зимма мегиранд.

4. Соҳибони коммуникатсияҳо вазифадоранд истифодабарии онҳоро дар ҳолати дурусти техникӣ мутобиқи меъёрҳое, ки ба вайрон кардани иншооти сунъии роҳҳои автомобилгард роҳ намедиҳанд, таъмин намоянд.

5. Таҷдид, баровардан, гузарондан ва азнавсозии коммуникатсияҳо, ки бо таъмиру таҷдиди онҳо ё таъмир ё таҷдиди роҳи автомобилгард вобастаанд, аз ҳисоби худи фармоишгари сохтмон амалӣ мегардад.

Моддаи 30. Буриши гузаштани роҳҳои автомобилгард аз роҳи дигари автомобилгард

1. Сохтмон, таҷдид ва таъмири нуқтаҳои ҳамроҳшавӣ ва буриши роҳҳои автомобилгард бо роҳҳои дигари автомобилгард дар ҷойҳое иҷозат дода мешаванд, ки аз тарафи мақоми дахлдори роҳдорӣ нишон дода шудааст ва тибқи тартиби муқарраргардида ҳуҷҷатҳои лоиҳавии коркардшуда, мувофиқа гардида ва тасдиқшуда мавҷуд бошанд.

2. Ҳамаи хароҷоте, ки бо сохтмони хатҳои буриш ва ҳамроҳшаванда алоқамандаст, инчунин мустаҳкамкунии фарши роҳ барои тобоварӣ ба сарбории талабгардида дар роҳи автомобилгард, корҳое, ки ба таъмини бехатарии ҳаракат, обпартовҳо ва дигар корҳои тибқи меъёрҳои муқарраргардида вобаста аст, фармоишгаре ба дӯш мегирад, ки сохтмони хатҳои буриш ва ҳамроҳшавандаро амалӣ менамояд.

3. Мақоми дахлдори роҳдорӣ ҳуқуқ дорад, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бе розигии вай ба корҳои сохтмонӣ, таҷдид, барқароркунӣ ва ё таъмири нуқтаҳои ҳамроҳшавӣ ва гузаргоҳҳои роҳҳои автомобилгард машғул аст, талаб намояд, ки иншоотро ҷудо карда, роҳи автомобилгардро ба ҳолати ибтидоӣ орад. Дар ҳолати рад кардани иҷрои ин корҳо ва ё саркашӣ аз қабули ӯҳдадориҳо ҷиҳати иҷрои онҳо дар муҳлати муайяншуда, мақоми роҳдорӣ вазифадор аст, ки барои ба ҳолати аввала баргардонидани роҳи автомобилгард чораҳо андешад ва тавассути мақомоти назорати давлатӣ ва ё бо тартиби дигар хароҷоти ба корҳои гузаронидашуда алоқамандро аз шахсони ин амали ғайриқонуниро анҷомдода ситонад.

Моддаи 31. Буриши роҳҳои автомобилгард аз роҳи оҳан

1. Мавзеъҳои буриши роҳҳои автомобилгард аз роҳҳои оҳан (гузаргоҳҳои роҳи оҳан) мутобиқи қоидаҳои истифодаи техникии роҳҳои оҳани Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ муқаррар мегардад.

2. Дар буриши роҳи оҳан, дар сатҳҳои гуногун соҳибони иншооти сунъӣ вазифадоранд маҷмӯи тадбирҳоро ҷиҳати нигоҳдорӣ, хизматрасонӣ ва таъмири иншоот барои таъмини ҳаракати мунтазам ва бехатари онҳо амалӣ намоянд. Дар сурати риоя накардани талаботи истифодабарӣ соҳибони иншооти сунъӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

3. Дар ҷойҳои бурида гузаштани роҳи оҳан дар як сатҳ соҳибони роҳҳои оҳан вазифадоранд қитъаи роҳи автомобилгардро дар масофае, ки қоидаҳои истифодаи техникии роҳи оҳан муайян кардааст, дар ҳолати муносиб нигоҳ доранд.

4. Корҳо оид ба сохтмони гузаргоҳҳои роҳи автомобилгард аз болои роҳи оҳан, ки бо таъмири роҳҳои мавҷуда ва сохтмони хатҳои нави роҳи оҳан вобастаанд, аз ҳисоби воситаҳои соҳибони роҳҳои оҳан амалӣ мегардад. Дар ҳолатҳое, ки муҷаҳҳаз гардонидани ин гузаргоҳҳо бо сохтмони роҳи нав ва ё васеъ кардани роҳҳои автомобилгарди мавҷуда вобаста бошад, сохтмони гузаргоҳҳо аз ҳисоби соҳибони роҳҳои автомобилгард сурат мегирад.

5. Ҳангоми сохтани гузаргоҳҳои роҳи автомобилгард аз болои роҳи оҳан соҳибони роҳи оҳан танзими ҳаракати қаторахҳоро ташкил карда, барои иҷрои корҳо иҷозатнома медиҳанд ва шароити техникӣ муҳайё месозанд.

6. Ҳангоми сохтани гузаргоҳҳои роҳи оҳан аз болои роҳи автомобилгард мақоми дахлдори роҳдорӣ танзими ҳаракати воситаҳои нақлиётиро ташкил карда, шартҳои техникиро оид ба иҷрои корҳо мувофиқа менамояд.

7. Қарор дар бораи бастан ё кушодани гузаргоҳҳои роҳҳои автомобилгард аз болои роҳи оҳан дар як сатҳ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хулосаҳо ва бо пешниҳоди мақомоти роҳдорӣ, Раёсати бозрасии

давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилӣ ва мақоми идоракунии нақлиёти роҳи оҳан қабул карда мешавад.

Моддаи 32. Назорат, муоина ва ташхиси роҳҳои автомобилгард

1. Мақомоти роҳдорӣ вазифадоранд ба таври доимӣ ҳолати роҳҳои автомобилгардро назорат кунанд, ҳамчунон на камтар аз ду маротиба дар як сол ба мақсади муайян кардани вазъи нигоҳдорӣ, истифодабарии нақлиёт, эътимодӣ ва бехатарӣ, дараҷаи мутобиқати нишондиҳандаҳои истифодабарии нақлиёт бо талаботи муқаррарнамуда муоина ва ташхис гузаронанд.

2. Тартиби назорат, муоина ва ташхиси роҳҳои автомобилгард аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақомоти роҳдорӣ ва мақомоти назароти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ муайян карда мешавад.

Моддаи 33. Ҳифзи роҳҳои автомобилгард ва биноҳо

1. Роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум аз тарафи соҳибони роҳҳои автомобилгард ҳифз карда мешаванд.

2. Ташкилоте, ки ҳифзи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва амволи роҳдориро таъмин менамояд, вазифаҳои дигарро, ки дар муқаррароти онҳо пешбинӣ шудааст, дар ҳамкорӣ бо мақомоти роҳдорӣ ва соҳибони роҳҳои автомобилгард иҷро менамоянд.

3. Сохтор, ҳуқуқ ва вазифаҳои ташкилотҳое, ки ҳифзи роҳҳои автомобилгардро анҷом медиҳанд, мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онҳоро таъсис додааст, муайян менамоянд.

Моддаи 34. Ҳифзи муҳити зист

1. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти роҳдорӣ, талабот ва меъёрҳои бехатарии экологӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ бояд чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ шаванд.

2. Иҷрои корҳо аз рӯи лоиҳаҳое, ки ба сохтмон ва ё таҷдиди роҳҳои автомобилгард вобастаанд, танҳо ҳангоми мавҷуд будани хулосаи мусбии экспертизаи давлатии экологӣ амалӣ мегардад.

3. Ҳангоми лоиҳакашӣ ва таҳияи лоиҳаҳо барои таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард бояд тадбирҳо оид ба ҳифзи муҳити зист, эҳёи конҳои сангу рег, хатҳои канори роҳ, нишебиҳо, хандақҳо, заминҳои зарардида бо алафҳои бисёрсола ва шинонидани дарахтон ва буттаҳо пешбинӣ карда шаванд. Ҳуҷҷатгузории лоиҳавию харҷномавии ҷойҳои истифодаи манбаи об бояд минтақаи санитарӣ, сохтмони таваққуфгоҳҳои нақлиётии муваққатӣ, эстакадаҳо ва иншооти муҳофизатӣ барои ҷамъ овардани партовҳои маҳсулоти нафтиро пешбинӣ намояд.

4. Дарахтзори муҳофизавии канори роҳҳои автомобилгард бояд аз тарафи соҳибон ё истифодабарандагони онҳо ба таври дуруст нигоҳубин карда шаванд.

5. Истифодаи технологияҳои нав, маҳсулот, пайвастагиҳою моводи кимиёвӣ дар сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард танҳо пас аз гузарондани экспертизаи дахлдор ва муайян кардани таъсири онҳо ба муҳити зист иҷозат дода мешавад.

6. Ташкилотҳое, ки лоиҳакашӣ, сохтмон, таҷдид, таъмир ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгардро иҷро менамоянд, бояд корҳоро бо риояи талаботи меъёрҳои бехатарии экологӣ иҷро намоянд.

7. Истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард набояд дар фаъолияти худ ба муҳити зист зарар оварда, замини роҳҳои автомобилгард ва заминҳои ҳамшафати онро ифлос намоянд.

Моддаи 35. Сафарбаркунии роҳҳои автомобилгард

Сафарбаркунии роҳҳои автомобилгард новобаста аз шакли моликияташон тавассути мақомот ва ташкилоти роҳдорӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини омодагии роҳҳои автомобилгард барои истифодабарӣ дар ҳолатҳои фавқулода амалӣ мегардад.

Моддаи 36. Принсипҳои умумии ташкили низоми баҳисобгирии нишондиҳандаҳои ҳаракат дар роҳ ва бехатарии он

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ягонаи баҳисобгирии давлатии нишондиҳандаҳои ҳаракат дар роҳ ва бехатарии воситаҳои нақлиёт, ронандагон, роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан, ҳодисаҳо ва зарар дидани нақлиёту роҳ, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи ҳаракат дар роҳ муқаррар карда мешавад.

2. Номгӯи нишондиҳандаҳои омории ҳаракат дар роҳ, тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

БОБИ IV. ЗАМИНҲОИ НАҚЛИЁТӢ БАРОИ ҶОЙГИРКУНИИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

Моддаи 37. Додани қитъаҳои замин барои ҷойгиркунии роҳҳои автомобилгард

1. Қитъаҳои замини барои ҷойгиркунии роҳҳои автомобилгард таъиншуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи замин мувофиқи тартиби ҷудо кардани заминҳо барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ пешниҳод карда мешаванд ва ба таври ҳатмӣ бояд сертификатсия карда шаванд.

2. Қитъаи замин ба мақомоти роҳдорӣ, корхона ва муассисаҳои хоҷагии роҳдорӣ барои корҳои хусусияти муваққатидошта барои истифодаи мухлатнок ва ё иҷора дода мешавад.

3. Барои мақсадҳои сохтан ва истифодаи роҳҳои автомобилгард, инчунин объектҳои маҷмааи нақлиётӣ, мутобиқи тартиби муқарраршуда, инчунин заминҳои дигаре, ки ба минтақаи ҷудошуда ҳамшафат нестанд ва аз тарафи ташкилотҳои давлатии фаъолияти роҳдорӣ ишғол шудаанд, барои истифодабарии доимӣ ва ё муваққатӣ ҷудо карда мешаванд.

4. Ҳамаи хароҷоте, ки ба гирифтани қитъаи замин барои роҳҳои автомобилгард, ҳамчунин иншооти маҷмӯи нақлиётӣ, аз ҷумла пардохти зарари истифодабарандагони замин вобаста аст, аз ҷониби ташкилот ва шахсоне, ки ба манфиати онҳо қитъаи замин ҷудо мешавад, ҷуброн карда мешавад.

Моддаи 38. Реҷаи ҳуқуқии истифодаи замини роҳҳои автомобилгард

1. Замини роҳҳои автомобилгард ба категорияи заминҳои нақлиётӣ дохил гардида, барои ҳадафҳои мақсаднок истифода мешаванд.

2. Масоҳати заминҳое, ки барои эҳтиёҷоти роҳҳои автомобилгард дода шудаанд, барои нигоҳдошт, истифода таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард вобастаанд, инчунин дар истифодаи ташкилотҳои давлатии фаъолияти роҳдорӣ қарор доранд, ба гурӯҳи заминҳои нақлиётии фонди ягонаи давлатии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

3. Барои таъмини бехатарии ҳаракат ба вуҷуд овардани шароити зарурӣ барои сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, иҷрои талаботи бехатарии ҳаракат дар роҳ дар тӯли роҳҳои дорои тартиботи махсуси истифодабарӣ ҳудудҳои ҳамшафат ва захиравӣ ҷудо карда мешавад.

4. Пас аз қабули қарор оид ба муқаррар кардани минтақаҳои захиравӣ нисбат ба қитъаҳои замини ба ҳудудҳои онҳо дохилшаванда метавонанд реҷаи махсуси истифодабарӣ ҷорӣ намоянд, ки он метавонад сохтмони иморатҳо ва иншооти асосиро манъ намояд ва оид ба он бояд соҳибони замин заминистифодабарандагон ва иҷоракорон ба таври хаттӣ дар муҳлати як моҳ огоҳ карда шаванд.

5. Нишондиҳандаҳо ва андозаҳои минтақаҳо барои захираи замин дар асоси асосноккунии техникию иқтисодӣ муқаррар карда мешаванд.

6. Ҳангоми дар шакли моликият истифодабарӣ ва иҷора ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додани қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди минтақаҳои захиравӣ қарор доранд, бояд моликон ва соҳибони ин заминҳо ворисони худро аз шартҳои махсуси истифодабарӣ огоҳ созанд ва ин маълумот бояд дар ҳуҷҷатҳои дахлдори ҳуқуқӣ дарҷ карда шаванд.

7. Истифодабарии замини роҳҳои автомобилгард, ҳудуди ҳамшафат ва захиравӣ дар асоси асноди лоиҳавӣ, талабот, стандартҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмон ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, бехатарии ҳаракат дар роҳ ва талаботи дигаре, ки қонун ва санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд, муайян карда мешавад.

Моддаи 39. Ҳудуди ҳамшафати роҳ

1. Ҳудуди ҳамшафати роҳ барои таъмини бехатарии аҳолӣ ва ба вуҷуд овардани шароити истифодабарии роҳҳои автомобилгард бо дарназардошти талаботи бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин имконияти таҷдид, таъмир, нигоҳдорӣ ва ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори роҳ ва хизматрасонӣ пешбинӣ мешаванд.

2. Зиччии ҳудуди ҳамшафати роҳ, ба истисноии қитъаҳое, ки тавассути маҳалҳои аҳолинишин мегузаранд, аз сарҳади хатти ҷудошудаи роҳи автомобилгард ҳисоб карда шуда, вобаста ба категорияи техникӣ ва релйефи маҳаллӣ дар асоси меъёрҳои тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Дар сарҳадҳои ҳудуди ҳамшафати роҳ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби махсуси истифодабарии замин муқаррар мешавад, ки он метавонад дар сохтмони иморатҳои асосӣ ва иншоотро манъ кунад, гузоштани рекламаҳо ва ба ҷо овардани фаъолияти дигари хоҷагидорӣ, ки бехатарии

ҳаракат дар роҳ, шароити истифодаи роҳҳои автомобилгард ва иморатҳои дар он ҷойгиршударо (бо назардошти дурнамои онҳо дар оянда) халалдор месозанд, инчунин барои амнияти аҳолӣ ва иштирокчиёни ҳаракат хатар эҷод мекунад, маҳдуд намояд.

4. Қарор дар бораи дар ҳудуди ҳамшафати роҳ ҷойгир кардани иморатҳо, иншоот ва сохтмонҳои дигар аз тарафи мақомоти роҳдорӣ дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақоми дахлдоре, ки назорати бехатарии ҳаракатро дар роҳ ба амал мебарорад, қабул карда мешавад.

5. Дар ҳолатҳои алоҳида мутобиқи қарори мақомоти роҳдорӣ ва мақомоти назорати санитарию эпидемиологӣ дар сарҳадҳои ҳудудҳои ҳамшафати роҳ барои пешбурди фаъолияти кишоварзӣ маҳдудият ҷорӣ карда мешаванд.

6. Ба расмият даровардан ва дар маҳал муайян кардани ҳудудҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард бо пешниҳоди мақомоти роҳдорӣ ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

7. Қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди хатти канори роҳ ҷойгир шудаанд метавонанд аз заминистифодабарандагон гирифта шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки зарурати гирифтани он аз тартиби истифодабарии ин ҳудуд бармеояд.

8. Заминистифодабарандагоне, ки қитъаҳои заминашон дар сарҳади минтақаҳои назди роҳи автомобилгард қарор доранд, бояд ба таври хаттӣ аз реҷаи махсусе, ки нисбат ба ин заминҳо истифода мешаванд ва имконияти гирифтани онҳо ба мақсади дар оянда васеъ кардан ва ё таҷдиди роҳҳои автомобилгард мавҷуданд, бояд дар муҳлати як моҳ аз рӯзи қабули қарор оид ба муқаррар кардани андозаи ҳудудҳои ҳамшафати роҳ аз ҷониби мақомоти роҳдорӣ огоҳ карда шаванд.

9. Ба ташкилоти роҳдорӣ заминҳои дигаре, ки ба ҳудуди хатти канори роҳ пайваст нестанд, вале бо мақсади сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард заруранд, барои истифодабарии доимӣ ва муваққатӣ ҷудо карда мешаванд.

Моддаи 40. Минтақаҳои захиравии роҳҳои автомобилгард

Захираи замин барои сохтмон ва ё таҷдиди роҳҳои автомобилгард дар асоси тартиби муқарраршуда асоснокии техникию иқтисодии тасдиқшудаи сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгард сурат мегирад. Қарор ҷиҳати муқаррар кардани захираи замин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо, вобаста ба мансубияти роҳ бо пешниҳоди мақомоти роҳдорӣ қабул мегардад.

## БОБИ V. ИСТИФОДАИ РОҲҲОИ АВТОМОБИЛГАРД

Моддаи 41. Шартҳои ташкили роҳҳои автомобилгарди пулакӣ

1. Рафтуомад дар роҳҳои автомобилгард, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Қонуни мазкур ва шартномаҳои дахлдори аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида пешбинӣ шудаанд, ройгон мебошад.

2. Ба роҳҳои автомобилгарди пулакӣ ва кӯчаҳо (минбаъд – роҳҳои пулакӣ) кӯпрукҳо ва нақбҳо, қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои автомобилгард ва кӯчаҳо,

инчунин таваққуфгоҳҳо ва ҷойҳои таҷҳизонидашуда барои таваққуфи автомобилҳо мансуб мебошанд. Ҳаққи гузаштан аз роҳи автомобилгард мутобиқи тартиботе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ситонида мешавад.

3. Роҳҳои автомобилгарди пулакиро метавонанд бо мақсади баланд бардоштани хизматрасонӣ ба истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, суръат бахшидани инкишофи шабакаи роҳҳои автомобилгард бо роҳи ҷалб намудани маблағгузориҳои иловагӣ, ҷиҳати амалӣ сохтани сохтмон ва истифодаи роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд оранд.

4. Заминҳое, ки барои сохтмони роҳҳои автомобилгарди пулакӣ ҷудо карда мешаванд, бояд танҳо барои мақсадҳои асосӣ - сохтмон ва истифодабарии роҳи автомобилгард, инчунин ҷойгиркунии иншооти хизматрасонӣ барои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард истифода шаванд.

5. Дар қарор оид ба истифодаи роҳҳои автомобилгард ва ё қисми роҳҳои автомобилгард дар асоси пулакӣ бояд нишон дода шаванд:

- нуқтаҳои оғоз ва анҷоми роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард;

- феҳристи буриши роҳи автомобилгард бо дигар роҳҳои автомобилгард ва нуқтаҳои ҳамроҳшавӣ бо дигар роҳҳои автомобилгард;

- тавсифи техникии роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард;

- дарозии роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард;

- хатсайр, тавсифи асосии техникӣ, дарозии роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард, ки тавассути онҳо ҳаракати ройгони алтернативии воситаҳои нақлиёт анҷом дода мешавад, агар вуҷуд дошта бошанд;

- мӯҳлати истифодаи пулакии роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард.

6. Қарор дар бораи истифодаи роҳи автомобилгард ва ё қисми роҳи автомобилгард дар асоси пулакӣ бояд дар давоми 30 рӯз аз санаи қабули чунин қарор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шавад.

7. Дар давраи ҳолатҳои фавқулода ва офатҳои табиӣ, фалокатҳо ва эпидемияҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи пардохт ситонида намешавад.

Моддаи 42. Ташкил ва истифодабарии таваққуфгоҳҳои пулакӣ

1. Андозаи пардохт барои таваққуфи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар таваққуфгоҳҳои пулакӣ ва баҳисобгирии вақти таваққуфи онҳо аз ҷониби мақомоти роҳдорӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, агар роҳи автомобилгард ба консессия дода шуда бошад, аз ҷониби консессионер муайян карда мешаванд.

2. Фаъолияти таваққуфгоҳҳои пулакӣ дар асоси қоидаҳои ташкил ва истифодабарии таваққуфгоҳҳои пулакӣ, ки аз тарафи мақомоти роҳдорӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда мешаванд, амалӣ мегардад.

3. Асбобҳои махсуси сертификатсияшуда барои ситонидани пардохти ҳаққи таваққуфи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва баҳисобгирии вақти

таваққуфи онҳо, бояд ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба меъёрдарории техникӣ ҷавобгӯ бошанд.

4. Таваққуфи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар таваққуфгоҳҳои пулакӣ бе пардохти ҳаққи муайяншуда манъ аст, ба истинои ҳолатҳое, ки дар қоидаҳои ташкил ва истифодабарии таваққуфгоҳҳои пулакии нақлиётӣ муайян карда мешавад.

5. Назорати риояи қоидаҳои ташкил ва истифодабарии таваққуфгоҳҳои пулакии нақлиётӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, агар роҳи автомобилгард ба консессия дода шуда бошад, аз ҷониби консессионер амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 43. Масъулият барои фаъолияти роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисми роҳҳои автомобилгард

Мақомоти идоракунии таъминкунандаи фаъолияти роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисми роҳҳои автомобилгард барои ҳолати техникии онҳо, мутобиқати қоидаҳо ва меъёрҳои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои автомобилгард масъул мебошад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун зарарҳои ба истифодабарандагон расонидашударо ҷуброн мекунад.

Моддаи 44. Ҳуқуқ барои ҳаракати имтиёзнок ва ё ҳаракати ройгон дар роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисми пулакии роҳҳои автомобилгард

Аз пардохти маблағ барои ҳаракат дар роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисми пулакии роҳҳои автомобилгард озод карда мешаванд:

- нақлиёти ҷамъиятӣ (ба истисноИ такси, аз ҷумла таксии хатсайрӣ, инчунин автобусҳое, ки дар роҳҳои байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ мусофиркашонӣ мекунанд);

- воситаҳои нақлиёти махсус, ки бо дастгоҳҳои сигналҳои махсуси равшанидиҳӣ ва садоӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд ва барои фаъолияти сӯхторхомӯшкунӣ, милитсия, ёрии таъҷилии тиббӣ, хадамоти садамавию наҷотбахшӣ, нозироти ҳарбии автомобилӣ ва колоннаи ҳарбии автомобилӣ бо рақамҳои қайди давлатии фарққунандаи вазорату идораҳои қудратӣ истифода мешаванд;

- воситаҳои нақлиёти ташкилотҳои почта, ки ба ҳамлу нақли мактубҳо ва воситаҳои пулӣ машғуланд, инчунин кормандони ин ташкилотҳо, ки мактубҳо ва воситаҳои пулиро ҳамроҳӣ мекунанд, идора ва ташкилотҳои дахлдоре, ки фаъолияти роҳдории онҳо дар ҳудуди ин қитъаи роҳи пулакӣ қарор доранд;

- дигар категорияҳои истифодабарандагони роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳҳои автомобилгард, категорияҳои воситаҳои нақлиёт, ки аз ҷониби соҳибони роҳҳои пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳҳои автомобилгард муайян карда мешаванд;

- соҳиби роҳи пулакии автомобилгард роҳи автомобилгарде, ки роҳи пулаки дорад ҳуқуқ дорад, ки дар бораи пешниҳоди ҳуқуқи ҳаракати имтиёзноки воситаҳои нақлиёт аз роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулаки роҳи автомобилгард ба истифодабарандагони алоҳидаи роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулаки роҳи автомобилгард ва нисбати категорияҳои

муайяни воситаҳои нақлиёт қарор қабул намояд;

- дар сурати истифодаи роҳи пулакии автомобилгард ё роҳи автомобилгарде, ки қисмати пулакӣ дорад, дар асоси шартномаи консессионии қарори соҳиби роҳи пулакии автомобилгард ё роҳи автомобилгарде, ки қисмати пулаки дорад дар бораи пешниҳоди ҳуқуқи ҳаракати боимтиёз ва ё ройгони воситаҳои нақлиёт аз роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳи автомобилгард бояд бо консессионер мувофиқа карда шавад, агар тартиби дигар дар шартномаи консессионӣ пешбинӣ нашуда бошад;

- соҳиби роҳи пулакии автомобилгард ё роҳи автомобилгарде, ки қисмати пулакӣ дорад, ҳуқуқ дорад ба таври иловагӣ категорияҳои алоҳидаи истифодабарандагони роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳи автомобилгард ва категорияҳои воситаҳои нақлиётеро муайян намояд, ки ба онҳо ҳуқуқи ҳаракати имтиёзнок ва ё ройгони воситаҳои нақлиёт аз роҳи пулакии автомобилгард ё қисми пулакии роҳи автомобилгард дода мешавад, агар дар ин бора дар қарор оид ба истифодаи роҳи пулакии автомобилгард ё қисми пулакии роҳи автомобилгард пешбинӣ шуда бошад;

- дар сурати истифодаи роҳи пулакии автомобилгард ё роҳи автомобилгарде, ки қисмати пулакӣ дорад, дар асоси шартномаи консессионӣ консессионер ҳуқуқ дорад ба таври иловагӣ категорияҳои алоҳидаи истифодабарандагони роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳи автомобилгард ва категорияҳои воситаҳои нақлиётеро муайян намояд, ки ба онҳо ҳуқуқи гузаштани имтиёзнок ва ё ройгони воситаҳои нақлиёт аз роҳи пулакии автомобилгард ё қисмати пулакии роҳи автомобилгард дода мешавад, агар дар шартномаи консессионӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Моддаи 45. Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум

1. Қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва барои ҳамаи соҳибон ва истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ягона ва ҳатмӣ мебошанд.

2. Тартиби истифодаи роҳҳои автомобилгард дар давраи тайёрӣ ба сафарбаркунӣ ва ҳолати ҷангӣ, ҳангоми бартараф намудани оқибати офатҳои табиӣ ва ҳолатҳои дигари фавқулода аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 46. Ҳуқуқи истифодабарандагони роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум

Истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ҳуқуқ доранд:

- дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ба таври озод ва ройгон ҳаракат намоянд ва бору хизматрасониҳоро интиқол диҳанд ба истинои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

- ҷуброни зарареро, ки бо сабаби ғайриқаноатбахш будани шароити роҳ ва фаъолияти ғайриқонунии мақомоти роҳдорӣ ба саломатӣ ва амволи онҳо расидааст, талаб намоянд;

- оид ба хатсайрҳои самти ҳаракат, шароити роҳ, маҳдудиятҳои муваққатӣ

ва баста шудани ҳаракат, вазни иҷозатдодашуда, ҳаҷм ва суръати ҳаракат, қитъаи ҷудошуда, андозаи ҳудуди ҳамшафат ва ҳудуди захиравии роҳҳои автомобилгард маълумот диранд.

Моддаи 47. Уҳдадориҳои истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард

1. Истифобарандагони роҳҳои автомобилгард набояд:

- чаронидани чорво, худсарона даравидани алаф, шудгор ва кандани замин, иҷрои намудҳои дигари корҳоро бе мувофиқа бо соҳибони роҳҳои автомобилгард дар ҳудуди хатти канори роҳ анҷом диҳанд;

- муҳити зистро ифлос намоянд;

- роҳҳои автомобилгардро вайрон кунанд ва ё амалҳои дигареро иҷро намоянд, ки ба амволи роҳҳои автомобилгард зарар расонида, ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон монеъ шаванд;

- меъёрҳои дигареро, ки Қонуни мазкур оид ба маҳдуд намудани истифодаи роҳҳои автомобилгард ва ё ба вуҷуд овардани монеаҳо барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардон муқаррар кардааст, вайрон намоянд.

2. Зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ, амволи истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард расонида шудааст, инчунин зараре, ки дар ҳодисаи роҳу нақлиётӣ дар натиҷаи фаъолияти (беамалии) мақомоти роҳдорӣ расонида шудааст, бояд ба таври пурра ҷуброн карда шавад.

3. Ҳаракати воситаҳои нақлиёти тасмачарх, чархдор ва ҷузъҳои дигари конструксияҳое, ки роҳи автомобилгардро вайрон карда метавонанд, инчунин ҳаракати воситаҳои нақлиёте, ки андоза, вазни умумӣ ва ё фишор ба меҳвари онҳо аз меъёрҳои муқаррарнамудаи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ зиёданд, бе иҷозати махсус роҳ дода намешавад.

4. Ашхоси мансабдори мақомоте, ки масъули назорати бехатарии ҳаракат дар роҳ мебошанд ва мақомоти ваколатдори роҳдорӣ ҳуқуқ доранд воситаҳои нақлиётии дар боло номбаршударо нигоҳ доранд ва барои ҳаракати бо онҳо танҳо баъди гирифтани иҷозатномаҳои зарурӣ иҷозат диҳанд.

Моддаи 48. Уҳдадориҳои шахсони мансабдоре, ки, масъули сохтмон, таҷдид, таъмир, истифодабарӣ ва беҳдошти роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан

Шахсони мансабдоре, ки масъули сохтмон, таҷдид, таъмир, истифодабарӣ ва беҳдошти роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан, кӯпрукҳо, иншооти дигар мебошанд, уҳдадоранд:

- нигоҳдории онҳоро дар ҳолате таъмин намоянд, ки ба талаботи муқарраршуда ҷиҳати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ҷавобгӯ бошанд;

- ҳангоми ба вуҷуд омадани шароит, ки ба бехатарии ҳаракат дар роҳ таҳдид менамояд, ҷиҳати сари вақт манъ ва ё маҳдуд кардани ҳаракат тадбирҳо андешанд;

- ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ, таҷдид, барқарорсозӣ ва таъмири роҳҳо, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан ба пуррагӣ бехатарии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро таъмин намоянд;

- ҷойҳои иҷрои кор, ҷойҳоеро, ки дар роҳ, кӯча, гузаргоҳи роҳи оҳан,

дастгоҳ ва механизмҳо, маводи сохтмонӣ ва ғайра гузошта шудаанд, бо аломатҳои роҳ, воситаҳои маҳдудкунанда ва иҳотакунанда ишора карда, дар торикии шаб ё туман бо шуълаҳои чароғҳои сигналдиҳӣ, ки мутобиқи меъёрҳои ҷорӣ пешбинӣ шудаанд, муайян намоянд;

- баъди анҷоми кор роҳ, кӯча, гузаргоҳи роҳи оҳанро фавран ба ҳолате оранд, ки ҳаракати бемонеа ва бехатари воситаҳои нақлиёт ва пиёдагардонро таъмин намуда, минтақаи ҳамшафатро бехатар гардонанд;

- дар сурати ифлос шудани қисми мошингузари роҳ, кӯча ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан ба таври фаврӣ барои тоза кардани онҳо ва сари вақт огоҳ намудани иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ оид ба хатаре, ки барои бехатарии ҳаракат ба вуҷуд омадааст, чораҳо андешанд, онҳоро бо воситаҳои техникии танзимкунандаи ҳаракат дар роҳ муҷаҳҳаз намоянд;

- қитъаҳои серсадамаю хатарнок ва ҷойҳоеро, ки ҳодисаи роҳу нақлиёт зиёд рӯй медиҳад, ошкор намуда, дар ин гуна ҷойҳо оид ба беҳсозии шароит ва ташкили таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ чораҳои зарурӣ андешанд;

- монеаҳои ҳаракат дар роҳро сари вақт ошкор намуда, бартараф кардани онҳоро таъмин намояд ва ҳангоми ғайриимкон будан онҳоро бо аломатҳои роҳ, воситаҳои иҳотакунанда ва роҳнамоикунанда муайян намоянд;

- ҳар моҳ таҳлили самтҳои ҳодисаҳои роҳу нақлиётиро гузаронида имконияти тавассути нақлиёти автомобилӣ партофтани хок, санг ва маводи дигарро дар роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан пешгирӣ кунанд;

- ба соҳибони воситаҳои нақлиёт хароҷоти онҳоро бо қарори суд ҷуброн намояд, агар ҳодисаи роҳу нақлиёт бо сабаби ғайриқаноатбахш нигоҳ доштани вазъи истифодабарии роҳҳои автомобилгард, кӯчаҳо, гузаргоҳҳои роҳи оҳан рӯй дода бошанд.

Моддаи 49. Сарборӣ, андоза ва суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт

1. Роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вазн, андоза ва суръати ҳаракат пешбинӣ шудаанд, ки мутобиқи стандартҳо ва меъёрҳои давлатӣ, вобаста ба дараҷаҳои роҳҳои автомобилгард ва дигар шартҳо муқаррар гардидааст.

2. Ҳадди ниҳоии суръати ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард бо дарназардошти навъи воситаи нақлиёт ва хусусиятҳои бори интиқолшаванда, шиддатнокии ҳаракат, шароити роҳ ва обу ҳаво, категорияҳои техникии роҳҳои автомобилгард бо қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва меъёрҳое, ки вазни ниҳоӣ ва андозаи воситаҳои нақлиётро бо шумули андозаи борҳои интиқолшаванда муайян мекунанд, муқаррар карда мешавад.

3. Меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррargардидаи ҳаракат дар роҳ, реҷаи суръат, вазн ва андозаи воситаҳои нақлиёт дар ҳар роҳи автомобилгард тавассути аломатҳои роҳ нишон дода мешаванд.

4. Бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ соҳибони роҳҳои автомобилгард дар мувофиқа бо мақомоти масъули назорат оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳуқуқ доранд ба таври муваққатӣ дар асоси санадҳои муоинаи роҳҳои автомобилгард ва ё ҳангоми гузаронидани корҳои роҳсозӣ барои

фишор ба роҳ ва суръати ҳаракат маҳдудиятҳо ҷорӣ намоянд. Ҳангоми ҷорӣ кардани ин маҳдудиятҳо соҳибони роҳҳои автомобилгард аломатҳои дахлдор мегузоранд.

Моддаи 50. Маҳдудият ва манъ кардани ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард

1. Маҳдудиятҳо дар истифодаи қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои автомобилгард, аз ҷумла маҳдудиятҳое, ки ба мансуб донистани роҳҳои автомобилгарди истифодаи махсус вобаста нестанд, мутобиқи Қонуни мазкур муқаррар карда мешаванд.

2. Соҳиби роҳи автомобилгарди истифодаи умум барои муқаррар кардани маҳдудиятҳое, ки ба ҳолати роҳи автомобилгард, ҳамчунин ба роҳи автомобилгарди истифодаи умум мутобиқ нестанд, ҳуқуқ надорад.

3. Маҳдудияти муваққатӣ ва ё манъ кардани ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум дар ҳолатҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- ҳангоми иҷрои корҳои роҳсозӣ;
- ҳангоми ҳодисаҳои табиӣ, садама ва дигар ҳолатҳои фавқулода;
- ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ ва ё бехатарии ҳаёти одамон ва амволи роҳдорӣ;
- ҳангоми гузарондани чорабиниҳои оммавӣ, ки тибқи тартиби қонунгузорӣ иҷозат дода шудаанд;

4. Қарор оид ба муваққатан маҳдуд ва ё қатъ намудани ҳаракат вобаста ба мансубияти роҳи автомобилгард аз тарафи мақомоти роҳдорӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қабул карда мешавад.

5. Мақоми ваколатдори назорати бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳуқуқ дорад ба соҳибони роҳҳои автомобилгард оид ба манъ кардани ҳаракат дар роҳ дар ҳолатҳое, ки агар шароити роҳ ба бехатарии ҳаракат таҳдид намояд, супоришҳо диҳанд.

6. Дар сурати қабули қарор дар бораи маҳдудкунӣ ва ё манъ кардани ҳаракат дар роҳи автомобилгард соҳибони он дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорат оид ба бехатарии ҳаракат дар роҳ ҷиҳати танзими ҳаракат дар роҳ, аз ҷумла тавассути сохтани роҳҳои иловагӣ чораҳо меандешанд. Истифодаи роҳҳои автомобилгарди соҳибони дигар ба сифати роҳҳои иловагӣ бояд бо онҳо мувофиқа карда шавад.

7. Мақомоти роҳдорӣ, ба истиснои ҳодисаҳое, ки дар вақти ҳолатҳои фавқулода ба вуҷуд меоянд, сари вақт истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва мақомоти давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба маҳдудкунӣ ва ё манъ кардани ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард огоҳ месозад ва оид ба муддати ҷорӣ намудани чунин маҳдудиятҳо ва роҳҳои давродаври имконпазир маълумот пешниҳод менамояд.

8. Дар сурати бастан ва ё маҳдуд кардани ҳаракат дар роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ маълумот дар ин бора тавассути мақомоти салоҳиятдор бо тартиби муайянгардида ба ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ

расонида мешавад.

Моддаи 51. Ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд

1. Ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳои автомобилгард бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд, танҳо дар ҳолатҳои истисно ҳангоми мавҷуд будани иҷозатномаҳои махсус сурат мегирад.

2. Додани иҷозатномаҳои махсус аз тарафи мақомоти роҳдорӣ ба таври пулакӣ буда, андозаи он мутобиқи ҷуброни хароҷоте, ки ба барқарор кардани роҳҳои автомобилгард ва иншооти дар онҳо мавҷудбуда сарф мешавад, вобаста аст.

3. Андозаи пардохт ва тартиби аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёти вазнин бо андозаҳои аз меъёр зиёд аз ҷониби мақомоти давлатии роҳдорӣ муқаррар карда мешавад.

4. Хатсайри ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳои аз меъёри муқарраршуда зиёд бояд бо соҳибони роҳҳои автомобилгард ва иншооти роҳдории дар ин хатти ҳаракат қарордошта, инчунин бо мақомоти салоҳиятдори назорат аз болои бехатарии ҳаракат дар роҳ мувофиқа карда шавад.

5. Дар мавриди ҳаракати чунин воситаҳои нақлиёт зарурати андешидани тадбирҳои махсусро ҷиҳати мустаҳкам ва ободон кардани роҳҳои автомобилгард, таҷҳизот ва иншооти муҳандисии аз роҳ гузаронидашуда дар хатти ҳаракати мазкур талаб намояд, розигии соҳибони ин иншоот ва коммуникатсияҳо гирифта мешаванд. Ҳамаи хароҷот барои тақвият ва сохтмони роҳҳо ва иншоот аз ҳисоби интиқолдиҳанда пардохта мешаванд.

6. Ҳангоми мавҷуд набудани иҷозатномаи махсус ба воситаи нақлиёте, ки вазни умумӣ, вазни меҳварӣ, андозаҳои он аз меъёри муқарраршуда зиёд аст, ҳангоми тағйир додани хатти ҳаракати мувофиқашуда, соҳиб ва ё истифодабарандаи воситаи нақлиёт тибқи муқаррарот, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима месупорад ва танҳо баъди гирифтани иҷозатномае, ки тибқи муқаррарот расмӣ гардонида шудааст, ҳаракатро давом дода метавонад.

7. Тартиби ҳаракати воситаҳои нақлиёти калонҳаҷм ва вазнин тавассути роҳҳои ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 52. Гузаронидани воситаҳои нақлиёте, ки борҳои хатарнокро мекашонанд.

Мақомоти роҳдорӣ барои аз роҳҳои автомобилгард гузаронидани воситаҳои нақлиёте, ки сӯхтору таркиш ба вуҷуд оварда метавонанд ва ё боиси заҳролудшавии радиоактивии роҳҳои автомобилгард ва ё оқибатҳои хатарноки дигар мегарданд, дар сурати аз тарафи соҳибони ин борҳо пешниҳод намудани кафолати бехатарии интиқоли борҳо ва бартараф кардани оқибатҳои он иҷозат диҳанд. Интиқоли ин гуна борҳо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Моддаи 53. Ташкили ҳаракати аспу ароба ва рондани чорво

1. Ҳаракати аспу ароба, ҳайвоноти саворӣ ва боркаш, инчунин рондани ҳайвоноти хонагӣ дар роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ манъ аст.

2. Дар роҳҳои автомобилгарди дигар ҳаракати ин воситаҳо ва рондани чорво мутобиқи талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва қоидаҳои истифодаи роҳҳои автомобилгард ташкил карда мешавад.

3. Рондани чорво дар мувофиқа бо мақомоти роҳдорӣ тавассути роҳҳои автомобилгард дар ҷойҳои махсусе, ки ба ин мақсад пешбинӣ шудаанд, иҷозат дода мешавад.

Моддаи 54. Гузарондани чорабиниҳои оммавӣ дар роҳҳои автомобилгард ва кӯчаҳои шаҳр

1. Намоишу роҳпаймоиҳо дар роҳҳои автомобилгард ва кӯчаҳои шаҳрҳо мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва гузаронида мешаванд.

2. Мусобиқаҳои варзишӣ (давҳо, мусобиқаҳои автомобилрониву велосипедронӣ ва чорабиниҳои дигар) бо иҷозати мақомоти маҳаллӣ, мақомоти роҳдорӣ ва мақомоте, ки бехатарии ҳаракат дар роҳро назорат менамоянд, ташкил карда мешаванд.

3. Қарор оид ба гузарондани ин чорабиниҳо дар роҳҳои автомобилгард бояд дар мувофиқа бо мақомоти роҳдорӣ ва бо дарназардошти таъмини кори бетаваққуфи шабакаи роҳ ва имконияти мавҷуд будани роҳҳои гузариши иловагӣ қабул карда шавад.

4. Ҳалли ихтилофоти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, изҳори талаботи сиёсӣ тавассути бастани роҳҳои автомобилгард роҳ дода намешавад.

Моддаи 55. Равшандиҳии беруна

Барои таъмини ҳаракати бехатари воситаҳои нақлиёт дар қисмати роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум, ки аз ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин мегузаранд ва дар иншоотҳои сунъӣ (кӯпрукҳо, эстакадаҳо), гардишҳо ва буришҳои роҳҳои автомобилгард, бурришҳои роҳҳои автомобилгард бо роҳҳои оҳан, тибқи меъёрҳои роҳсозӣ равшаннокунии беруна аз ҷониби мақомоти роҳдорӣ бояд ба роҳ монда шавад.

## БОБИ VI. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Моддаи 56. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ ва ҳалли проблемаҳои муқаррар намудани усулҳои умумии танзими ҳуқуқӣ таъсиси истифодабарӣ ва ҳамгироии онҳо дар системаи байналмилалии алоқаи нақлиёти мусоидат менамояд.

2. Мақоми давлатии идоракунии фаъолияти роҳдорӣ метавонад узви ташкилоти байналмилалии роҳдорӣ шавад, мутобиқи муқаррарот ҳамкории байналмилалиро бо мақомоти роҳдории мамлакатҳои хориҷи амалӣ созад,

инчунин Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки истифодаи роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси хатсайри роҳҳои автомобилгарди байналмилалӣ, муқаррар намудани меъёрҳо ва талабот ба роҳҳои автомобилгард ва масъалаҳои дигари ба салоҳияти он вобастабуда муаррифӣ намояд.

3. Истифодаи роҳҳои автомобилгард барои алоқаи автомобилии байналмилалӣ бо шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешавад.

## БОБИ VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 57. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 58. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ"

Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ" аз 10 майи соли 2002, №47 (Ахбори Маҷлиси Олӣ соли 2002 №4, қ. 1, мод. 296; с.2009 №7-8, мод. 498.) аз эътибор соқит карда шавад.

Моддаи 59. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон